# Тақриз

ба рисолаи унвонҷӯ Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод» - и Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филололӣ.

Тадқиқи бадеии таърихи гузашта аз нимаи дуюми садаи XX дар осори адибони тоҷик чун падидаи ҷадид арзёбӣ мешавад. Дар заминаи огоҳӣ аз таърих ҷанбаи худшиносии миллӣ ва масъалаи пойдории ҳофизаи таърихии миллат мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар мундариҷаи ғоявии осори адибон навгӯиҳо ба мушоҳида мерасад.

Ин давра замони таҳаввул ё навгониҳои фикрӣ дар адабиёти тоҷик ба шумор рафта, адибоне чун Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Ф. Муҳаммадиев, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, П. Толис, Ҷ. Одина, Б. Собир, Л. Шералӣ, Гулрухсор ва чанде дигарон ба тадқиқи бадеии рӯзгори миллат бо нигоҳи тоза рӯ оварданд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1990) Абдулҳамид Самад солҳои 70-уми садаи XX ба майдони адабиёти тоҷик ворид гардид ва аз оғози фаъолияти ҳунарӣ эҷодиёташро бо тарзу равиши хос ва мундариҷаи баргузида пешкаши хонанда гардонид. Дар эҷодиёти нависанда ҳақиқати воқеӣ, ки заминаи асосии ҳақиқати бадеӣ ба ҳисоб меравад, бо сабку услуби хос, бо забони нобу шево, бо рангорангиву махсусияти ҷолиби тафаккуру тахайюл ба тасвир меояд. Ӯ мекӯшад мавзӯъҳоеро мавриди тасвири бадеӣ қарор диҳад, ки ба ҳаёти ҷомеа созгор бошанд ва ба раванди зиндагӣ, сиёсати ҷорӣ ва ахлоқи ҷомеа мувофиқат карда, пайванди ногусастании гузаштаву имрӯза ва фардоро таъмин намоянд. Романи нахустини нависанда бо номи «Гардиши девбод» дар ҳаҷми ду китоб соли 2007 ва соли 2016 ба табъ расидааст, ки чун падидаи хоси адабӣ пазируфта шудаст. Диссертатсияи мазкур «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод» -и А. Самад» номгузорӣ шуда, таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи асарро дар бар гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат буда, дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳои алоҳида ҷудо мешавад. Ҳайдарова С. дар боби аввал – «Абдулҳамид Самад ва эҷодиёти ӯ» ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин суханвари рангинхаёлу ҳунарпешаро ба таҳлилу таҳқиқ гирифта, дастовардҳои назарраси адибро дар эҷоди ҳикоя, қисса ва осори публитсистӣ ошкор месозад. Унвонҷӯ дар ин боб дар баробари таҳқиқи мухтасари мазмуну муҳтавои ғоявӣ ва услубии осори нависанда эҷодиёти адибро бо такя ба замони офариниши онҳо ба марҳалаҳо ҷудо менамояд. Ҳамчунин дар боби аввал сохтори композитсионии романи «Гардиши девбод» ва образҳои он мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҷассуми бадеии таърих дар романи «Гардиши девбод» унвонҷӯ ба таҳлилу тадқиқи мушаххаси ду ҷилди асар мепардозад. Дар се фасли ин боб бо номҳои «Инъикоси бадеии воқеаҳои инқилобӣ дар асар», «Тасвири бадеии айёми таъқибот ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва тасвири он дар роман» дар бораи тадқиқи бадеии ҳаводиси таърихӣ дар романи мазкур сухан меравад. Муҳаққиқон аз ҷумла Х. Шарифов ва М. Нарзиқул ин романро бо назардошти таҷдиди назари нависанда нисбат ба ҳаводиси таърихӣ падидаи нав шуморидаанд

Боби сеюм – «Хусусиятҳои миллии роман» ба таҳлили роман аз нигоҳи арзишҳои миллӣ ва сабку забони он бахшида шудааст. Унвонҷӯ зимни таҳлилу тадқиқ ба чунин хулоса омадааст, ки забони асар дар ифодаи хусусиятҳои миллии он назаррас буда, нависанда дар эҷоди ин роман чун дигар асарҳои офаридааш дар нигоҳдошти асолати забони ноби тоҷикӣ саҳмгузор мебошад. Унвонҷӯ бар он аст, ки А. Самад дар тасвири зиндагии воқеӣ ва ҳаёти иҷтимоии халқи азизаш сабку услуби хоссаи фардиашро роҳандозӣ карда, истифодаи бамавриди мақолу зарбулмасал,ибораҳои рехта ва умуман забони зиндаи халқ арзиши асарро бештар гардонидааст. Ҳамчунин маҳорати устурасозии адиб ва тасвири ҷолибу мақсадноки манзараҳои табиат таъкид карда мешавад.

Ҳар боб натиҷагирӣ карда мешавад ва дар охир Ҳайдарова С. бо хулосабарориҳои амиқи илмӣ мазмуну муҳтавои корро ҷамъбаст мекунад.

Унвонҷӯ дар ин рисола аз адабиёти фаровони илмӣ ва сарчашмаҳои адабӣ (182 адабиёт) истифода кардааст, ки ин ҷанбаи илмии корро тақвият медиҳад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна асосан ба анҷом расидааст ва месазад, ки ба муҳокимаи устодони кафедраҳои тахассусӣ пешниҳод шавад.

**Роҳбари илмӣ: доктори фанҳои филологӣ,**
**академик Имомзода М. С.**

**Тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.**
**«___» ________ соли 2020**